ДАР ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ ОЗОДОНА ВА ФАРОВОН ЗИНДАГӢ КУНЕМ!

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

11 августи соли 2021. Чоршанбе № 62 (14763)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ДОИР БА ТАРАҚҚИЁТИ САНОАТ ДАР ВИЛОЯТИ ТОШКАНД СУПОРИШҲО ДОДА ШУДАНД

Президент Шавкат Мирзиёев 10 август доир ба масъалаҳои тараққиёти саноат дар вилояти Тошканд ҷамъомад баргузор намуд.

Дар ҷамъомади видеоселекторие, ки 3 августи соли ҷорӣ бахшида ба таҳлили натиҷаҳои иқтисодиёти нимсолаи аввал баргузор гардид, Президент дар вилояти Тошканд вуҷуд доштани шароити муносибро барои рушди саноат таъкид кард ва ба ногузирии қадамҳои қатъӣ дар ин самт ишора намуд. Бинобар ин нақшаи чорабиниҳои иловагӣ таҳия гардида буд.

Дар нимсолаи якум дар вилоят маҳсулот ба миқдори қариб 7,7 триллион сӯм истеҳсол гардида, афзоиш 4,6 фоизро ташкил намуд. Аммо ин аз ҳисоби миёнаи мамлакат паст аст. Бо назардошти ин то охири сол истеҳсол намудани маҳсулот ба миқдори 198 триллион сӯм ва ба инкишофи 8,5 фоизи солона муваффақ гардидан чун мақсад гузошта шуд.

Шарти асосии даст ёфтан ба ин нишондод инкишофи саноати минтақа аз ҳисоби татбиқи лоиҳаҳои нав, дастгирии корхонаҳои камиқтидор ва ё таваққуфнамуда, босамар истифода намудани биноҳои холӣ муайян карда шуданд. Нақлиёт ва логистика, соҳаи хидматрасонӣ, хоҷагии қишлоқ ва сохтмон инчунин самтҳои бартаринок ба шумор мераванд.

Дар ҷамъомад тақдимоти лоиҳаҳои истиқболнок дар соҳаҳои мазкур баргузор гардид.

Барои мисол, дар ноҳияи Зангиато 1494 корхонаи саноатӣ фаъолият дорад. Дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ онҳо маҳсулотро ба миқдори қариб 600 миллион сӯм истеҳсол намуданд. Соли ҷорӣ 15 лоиҳа бо ба вуҷуд овардани иқтидорҳо барои истеҳсоли маҳсулот ба қимати 51 миллиард сӯм ба амал татбиқ мегардад.

Эътибори алоҳида ба лоиҳаи ба вуҷуд овардани маркази саноатии «Зангиато» нигаронда шуд. Дар ин минтақаи саноатӣ дар майдони 116 гектар ҷойгир намудани 165 лоиҳа дар назар дошта шудааст. Ба вуҷуд овардани 12 ҳазор ҷойи кор, содироти маҳсулот ба миқдори 48 миллион доллар ва сарпур кардани воридот ба миқдори 9 миллион доллар пешбинӣ мегардад.

Миқдори корхонаҳо дар шаҳри Ангрен нисбатан кам аст – 577-то, аммо онҳо потенсиали зиёдро соҳибанд. Саҳми шаҳр дар саноати вилояти Тошканд 28 фоизро ташкил менамояд. Дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ дар ин ҷо маҳсулот ба миқдори беш аз 2 триллион сӯм истеҳсол гардид. Дар нимаи дуюми сол боз 15 лоиҳа ба кор андохта мешавад.

Ғайр аз ин, 124 лоиҳа ба миқдори умумии 560 миллион доллар ташаккул ёфтааст. Дар натиҷа ба вуҷуд овардани 39 ҳазор ҷойи кор ва иқтидорҳо бинобар истеҳсоли маҳсулот ба миқдори 3 триллион сӯм ба нақша гирифта шудааст.

Татбиқи 32 лоиҳа ба миқдори 335 миллиард сӯм дар ноҳияи Тошканд ва 20 лоиҳа ба қимати 422 миллиард сӯм дар шаҳри Чирчиқ ба нақша гирифта шудааст.

Дар ҷамъомад ҳамчунин имконоти тамоми ноҳияҳо ва шаҳрҳои вилоят баррасӣ гардиданд.

Президент таъкид кард, ки имконоти вилояти Тошканд ба таври пурра истифода намегардад, татбиқи ҳарчи бештари лоиҳаҳои нав дар соҳаҳои саноат зарур мебошад, роҳандозии истеҳсоли маҳсулот бо нархи изофа муҳим аст. Вазифаи афзудани ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар минтақа то охири сол ба миқдори 40 фоиз гузошта шуд.

Дар заминаи васеъ намудани фаъолияти заводҳо, ташкили корхонаҳо дар ноҳияҳо бо дарачаи пасти индустриализатсия, рушди хидматрасонии сарироҳӣ супоришҳо дода шуд.

ЎзА.

12-13 августи соли 2021 дар Тошканд Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи ҷавонон баргузор мегардад. Ин форуми байналмилалӣ дар асоси ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар иҷлосияи 46-уми Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон ва дастгирии ҷомеаи байналмилалӣ ташкил карда мешавад.

ДАР ЎЗБЕКИСТОН АНҶУМАНИ УМУМИҶАҲОНӢ ОИД БА ҲУҚУҚИ ҶАВОНОН БАРГУЗОР МЕГАРДАД

Мувофиқи хабари маркази матбуоти Маркази миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳуқуқи инсон, форуми умумиҷаҳонӣ дар шакли гибрид, яъне дар тартиби офлайн ва онлайн гузаронда мешавад. Интизорӣ меравад, ки дар маросими кушоиши он Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон Мишел Бачелет, сафири Котиби генералии СММ оид ба кор бо ҷавонон Ҷаятма Викраманаяке, Котиби генералии Иттиҳоди байнипарлумонӣ Мартин Чунгонг, Котиби генералии САҲА Хелга Мария Шмидт ва дигар роҳбарони сохторҳои байналмилалӣ баромад мекунанд.

Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба мавзӯи «Ҷалби ҷавонон ба амалиёти ҷаҳонӣ» бахшида мешавад. Иштирок дар Конфронси умумиҷаҳониро беш аз 500 намояндагони зиёда аз 30 мамлакат ва созмонҳои байналмилалӣ тасдиқ намуданд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар айни ҳол дар асоси ташаббуси Президенти Ӯзбекистон, ки дар иҷлосияи 72-юми Ассамблеяи Генералии СММ пеш гузошта шуд, раванди коркарди Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи ҷавонон идома дорад.

Дар рафти форуми Тошканд иштироки ҷавонон дар рушди кишварҳои худ дар ҷанбаи таъсири COVID-19 ба аҳолии озордида, чораҳои дастгирии ҷавонон дар дастрасӣ ба таълими хушсифат ва шуғл, инчунин иштироки ҷавонон дар қабули қарорҳое, ки ба ҳаёти онҳо таъсир мерасонанд, баррасӣ хоҳанд шуд.

Иштирокдорон пешомади такмил додани механизмҳои мавҷуди байналмилалиро барои ҳифз ва дастгирии ҳуқуқи ҷавонон баррасӣ менамоянд.

Назокат УСМОНОВА,
мухбири ЎзА.

ПОЙГОҲИ ҚОНУНИИ БА РОҲ МОНДАНИ СӮЗАНДОРУКУНИИ ОММАВӢ МУСТАҲКАМ МЕГАРДАД

Тавре ки маълум аст, дар ҷамъомади ҳабдаҳуми умумии Сенат Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи дохил кардани тағйирот ва иловаҳо ба баъзе ҳуҷҷатҳои қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ба таъмин сохтани беҳбуди санитариву эпидемиологии аҳолӣ нигаронида шудаанд» баррасӣ ва қабул карда шуд.
Қонун аз ҷониби роҳбари давлати мо ба имзо расид ва эътибор пайдо кард.

Бояд қайд намуд, ки барои ташаккул додани иммунитети ҷомеавӣ сӯзандору гирифтани 60-80 фоизи аҳолӣ тақозо мегардад. Ғайр аз ин бинобар тавсияи Созмони умумиҷаҳонии нигаҳдории тандурустӣ ва коршиносони байналмилалӣ муборизаи ба муқобили коронавирус ва пешгирии мавҷҳои нави онро метавон аз тариқи сӯзандорукунии оммавӣ бомуваффақият ба роҳ монд.

То имрӯз ваксинатсияи ҳатмӣ дар Фаронса, Юнон, Австралия, Италия, Латвия, Русия, Қазоқистон, Тоҷикистон ва кишварҳои дигар татбиқ мегардад.

Бо Қонун «Дар бораи беҳбуди санитариву эпидемиологии аҳолӣ» пешбинӣ мегардад, ки Сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Ӯзбекистон метавонад дар доираи чорабиниҳои санитариву гигиенӣ ва тадбирҳои аксуламал ба эпидемия баргузоркунии сӯзандорукунии профилактикиро ба роҳ монад.

Бо қарори Сардухтури давлатии санитарӣ аз 19 июли соли 2021 ба Тақвими сӯзандорукунӣ дар пояи нишондиҳандаҳои эпидемиологӣ аз 15 марти соли 2015-ум илова ворид карда шуд, сӯзандорукунии ҳатмии намояндагони 14 табақаи аҳолӣ ҷорӣ гардид.

Баробари ин мувофиқи Қонун «Дар бораи ҳифзи саломатии шаҳрвандон» мукаррар карда шуд, ки шаҳрванд ё худ намояндаи қонунии ӯ ҳақ дорад аз даҳолати тиббӣ сартобӣ кунад ё худ боздошти онро талаб намояд, вале бар истисноии ёрии тиббӣ ба шахсоне, ки аз бемориҳо азият мекашанд ва ин беморӣ барои атрофиён хавфнок мебошад, ки бидуни ризоияти онҳо гузаронида мешавад.

Вале дар ин Қонун меъёр дар бораи он ки дар ҳолати таҳдид кардани паҳншавии касалии сироятку-нанда метавонад сӯзандорукунии профилактикии аҳолӣ ҷорӣ гардад, вучуд надорад. Ҳамчунин мувофиқи қонунгузории дарамал чораҳои маҳдудкунӣ нисбати шахсоне, ки аз гузаронидани сӯзандоруи профилактикӣ дар мавриди таҳдиди паҳншавии касалии сироятку-нанда сартобӣ мекунанд, пешбинӣ нагардидааст.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи дохил кардани тағйирот ва иловаҳо ба баъзе ҳуҷҷатҳои қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ба таъмин сохтани беҳбудии санитариву эпидемиологии аҳолӣ нигаронида шудаанд» меъёрҳои зерин пешбинӣ гардидааст:

якум, дар моддаи 28-уми Қонун «Дар бораи ҳифзи саломатии шаҳрвандон» меъёри мушаххас дохил гардидааст, ки мувофиқи он бинобар қарори Сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар тартибе, ки қонунгузорӣ муқаррар менамояд, метавонад сӯзандорукунии профилактикии аҳолӣ дар мавриди таҳдиди паҳншавии беморихои сироятку-нандаи карантинӣ ва ғайра, ки ба ҳаёти инсон хавфнок мебошанд, ҷорӣ карда шавад;

дуюм, мувофиқи моддаи 113-уми Кодекси меҳнат пешбинӣ мешавад, ки дар мавриди аз сӯзандорукунии профилактикӣ сар тофтани корманд, ки дар мавриди таҳдиди паҳншавии бемории сироятку-нанда (ҳангоми мавҷуд набудани аксуламал бинобар аҳволи саломатӣ) гузаронида мешавад, коргузор ҳақ дорад ўро ба кор роҳ надиҳад.

Умуман бинобар Қонуни мазкур асосҳои қонунии ба роҳ мондани сӯзандорукунии оммавии аҳолӣ беш аз пеш мустаҳкам мегардад ва зиддиятҳое, ки дар қонунгузории мавҷуда бобати ҷорӣ намудани ваксинатсияи профилактикӣ дар мавриди таҳдиди паҳншавии касалии сироятку-нанда ҷорӣ карда мешаванд, аз байн бардошта хоҳад шуд.

Манзура САЛИМОВА,
узви Кумитаи оид ба масъалаҳои илм, таълим ва тандурустии Сенати Олий Маҷлис.

Фикри депутат

БА ШАҲРВАНДОНЕ, КИ БАРОИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ МЕРАВАНД, ЧӢ ГУНА ИМКОНИЯТҲО ДОДА МЕШАВАНД?

Дар мамлакати мо барои таъмин сохтани ҳуқуқҳои инсон низоми пурсамари қонунгузорӣ ба роҳ монда шудааст. Алҳол барои ҳифз намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандоне, ки дар хориҷа меҳнат мекунанд, дар қонунгузории мо як қатор навгонӣ ва сабукиҳо ҷорӣ мешаванд.

Бояд таъкид кард, ки пештар аз ҷониби давлат дастгирӣ намудани муҳоҷирони меҳнатӣ, ғамхорӣ нисбати эҳтиёҷоти ҳаррӯзаи онҳо ва орзуву омолашон ба роҳ монда нашуда буд, дар ҳудуди мамлакат ва дар хориҷ аз он ҳам кафолатҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии онҳо мавҷуд набуданд.

Солҳои охир дар мамлакат барои ба роҳ мондани муҳоҷирати муташаккил ва бехатар, ҳифзи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо беш аз 10 қонун ва қарорҳо қабул карда шуданд. Бахусус 30 июли соли 2021-ум аз ҷониби Президенти кишвар Қарор «Дар бораи чораҳои иловагӣ нисбати рағбатноксозии шаҳрвандони барои муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷ баромада» қабул шуд, ки давоми мантиқии корҳои ин соҳа гардид.

Мувофиқи ҳуҷҷати мазкур аз 1 сентябри соли равон то 1 сентябри соли 2022-юм ба шаҳрвандоне, ки барои муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа мераванду аз рӯйхати маҷмӯаи барномавии «Labor-migration» гузаштаанд, баҳри омӯхтани касбу ҳунар ё худ забони хориҷӣ имтиҳонҳоро бомуваффақият супурдаанд, барои сарпур сохтани ҳуҷҷатҳои ба имтиҳонсупорӣ вобаста ба миқдори 3 баробари музди камтарини меҳнат, барои сарпур сохтани хароҷоти вобаста ба харидани чиптаҳои роҳ ба миқдори 2 баробари музди камтарини меҳнат, барои сарпур сохтани ҳуҷҷатҳое, ки ба расмикунонии «визаи корӣ» барои фаъолияти меҳнатӣ дар давлатҳои тараққикарда вобастаанд, ба миқдори 5 баробари музди камтарини меҳнат ҷубронпулӣ дода мешавад.

Ҳамчунин аз 1 сентябри соли 2021 дар маҷмӯи барномавии «Labor-migration» барои шаҳрвандоне, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, саҳифаи махсусе ташкил карда мешавад, ки имкони ба даст овардани ҷубронпулиро таъмин мекунад.

Бояд таъкид намуд, ки аз 1 августи соли равон хароҷоти шаҳрвандоне, ки дар муҳоҷирати меҳнатии ширкатҳои нақлиётӣ кор кардаанду ҷароҳат бардоштаанд, ба ҳодисаи нохуш дучор шудаанд, ба бемории ҷиддӣ ва сахт гирифтор гардидаанд, аз ҷумла барои ба Ӯзбекистон овардани фарзандони ба воя нарасидаи онҳо, ҳамчунин сафари хидматии ходимони тиббие, ки чунин шаҳрвандон таҳти назорати онҳо баргаштаанд, ҷуброн карда мешаванд.

Аз ҷумла барои дастгирӣ кардани шаҳрвандоне, ки дар хориҷа меҳнат мекунанд, инчунин барои хазинае, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳоро ҳифз менамояд, ба миқдори 52 миллиард сӯм маблағ ҷудо карда мешавад.

Қарори мазкур, ки ба беш аз пеш мустаҳкам кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар кишвар, ба ҳифз кардан ва рағбатнок сохтани онҳо нигаронида шудааст, баробари ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон, ба тарзи ҳаёти фаровони онҳо низ хидмат хоҳад кард.

Дилбар МАМАҶОНОВА,
депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

Дар сохтмони корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти иҷтимоӣ, хонаву манзилҳои замонавие, ки дар ноҳияи Элликқалъа ва ноҳияҳои ҳамсояи он дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон қад мекашанд, бинокорони Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Тупроққалъа махсус қурилиш» саҳми муносиб доранд.
Корхонаи маҳдуди «Кӯнгирот сода заводи», ҷамъияти саҳҳомии «Элтекс»-и маркази ноҳияи Элликқалъа, 6 коллеҷи касбӣ, 4 мактаби таълими миёнаи умумӣ, 6 муассисаи таълими томактабӣ, «Камолот уйлари», хонаҳои бисёрошёнаи маркази ноҳия ва биноҳои дигар аз ҷониби бинокорони ин Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд бунёд гардидаанд.
Дар сурат: *дар сохтмони корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти иҷтимоӣ, хонаву манзилҳои замонавие, ки дар ноҳияи Элликқалъа ва ноҳияҳои ҳамсояи он дар Қароқалпоқистон қад мекашанд, бинокорони Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Тупроққалъа махсус қурилиш» саҳми муносиб доранд.*
Суратгир: М.ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).

ҶАМЪОМАДИ ШӮРОИ ҶУМҲУРИЯВӢ ОИД БА КОР БО РЕЙТИНГ ВА ИНДЕКСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

10 август ҷамъомади Шӯрои ҷумҳуриявӣ оид ба кор бо рейтинги индексҳои байналмилалӣ баргузор шуд. Он таҳти раёсати Раиси Сенат, раиси Шӯро Танзила Норбоева гузашт.

Дар ҷамъомад, ки дар шакли алоқаи видеоконфронс гузашт, узви Шӯро, кормандони масъули вазорату идораҳо иштирок карданд.

Дар ҷамъомад масъалаҳои иҷрои Нақшаи чорабиниҳо барои нимсолаи якуми соли 2021 оид ба беҳдошти мавқеи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар рейтинг ва индексҳои афзалиятноки байналмилалии марбут ба соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқӣ, Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷъикос намудани мавқеи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Индекси рақобатпазирии ҷаҳонии Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ, инчунин иҷрои қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи чораҳо оид ба ҷорӣ намудани механизми самарабахши муайян намудани ҳолати таъмини волоияти ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон» аз 14 январи соли 2021 баррасӣ гардиданд.

Таъкид гардид, ки дар тӯли се моҳи охир мавқеи мамлакатамон дар як қатор рейтингҳои байналмилалӣ беҳтар гардид. Аз ҷумла, дар рейтинги қарзии соҳибихтиёри «S&P» GlobalRatings рейтинги мамлакати мо аз «манфӣ» то «устувор» беҳтар гардид. Дар қисми «Бонувон дар парламент»-и рейтинги ҷаҳонии «Занон дар сиёсат», ки Иттиҳоди байнипарлумонӣ баргузор менамояд, Ӯзбекистон аз ҷойи 130-юм ба ҷойи 45-ум баромад. Байни 114 мамлакат дар Индекси умумиҷаҳонии хайроти мамлакати мо аз ҷойи 53 ба ҷойи 23 баромад, яъне қариб ду баробар баланд гардид.

Аммо таъкид гардид, ки дар натиҷаи он ки аксари ташаббусу ғояҳо дар коғаз мемонанд ва нишондиҳандаҳои ислоҳоти дар мамлакатамон татбиқшаванда то ба созмонҳои байналмилалии рейтингӣ расонда намешавад, ташкилоти рейтингӣ ҳангоми тайёр кардани ҳисобот аз маълумотҳои куҳна истифода менамояд, ки ба мавқеи Ӯзбекистон дар рейтингу индексҳои байналхалқӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ҷамъомад қайд гардид, ки аз ҷониби Шӯрои ҷумҳуриявӣ нақшаи кор барои соли 2021, ки аз 532 банд иборат мебошад, тасдиқ шудааст. Таъкид гардид, ки дар нимсолаи аввал аз иҷрои 272 банди дар соҳаи иҷтимоиву иқтисодӣ пешбинишуда 76-тояш иҷро шуда, 188-тояш иҷро мешавад ва 8 банд иҷро нашудааст, дар соҳаи сиёсиву ҳуқуқӣ аз 86 банд 32-тоаш иҷро шудааст, 50-тояш иҷро мешавад ва 4 банд иҷро нашудааст.

Аз ҷумла, ҳарчанд Вазорати сохтмон якҷоя бо намояндагони бозорҳои миллӣ ва хориҷии суғурта дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ оид ба зина ба зина ҷорӣ кардани тамоюлҳои суғурта дар фаъолияти лоиҳавию тадқиқотӣ ва сохтмонӣ пешниҳод таҳия карда бошад ҳам, онҳо то ҳанӯз ба баррасии Ҳукумат ворид карда нашудаанд.

Ғайр аз ин, Вазорати кишоварзӣ барои наандешидани чораҳо оид ба коҳиш додани даҳолати давлат ба фаъолияти истеҳсолгарони молҳои кишоварзӣ, амалӣ нанамудани инвентаризатсияи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки ба зиммаи онҳо ўҳдадориҳо мегузоранд ва иҷро накардани корҳо оид ба оптимизатсия зери тозиёнаи танқид гирифта шуд.

Аз ҷумла, таъкид гардид, ки ҳангоми аз ҷониби Вазорати фарҳанг таҳия шудани портали ягона барои арзёбии фаъолияти соҳибони рухсатномаҳои консертию шавқангез масъалаҳои молиявӣ ҷой доранд, ки онҳо аз ҷониби кормандони масъул мусбат ҳал карда хоҳанд шуд.

Дар ҷамъомад инчунин иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷъикоси мавқеи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Индекси рақобатпазирии ҷаҳонии Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ баррасӣ гардид.

Таъкид гардид, ки ҳарчанд дар банди 19-и нақшаи чорабиниҳо то 1 августи соли 2020 таҳияи консепсияи ягона оид ба рушди сиёсати кластерӣ ва лоиҳаи қонун «Дар бораи кластерҳо» пешбинӣ шуда бошанд ҳам, ҳуҷҷатҳои мазкур дар тӯли як сол қабул нашудаанд.

Ба ғайр аз ин дар ҷамъомад иҷрои қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи чораҳо оид ба ҷорӣ намудани механизми самарабахши муайян кардани ҳолати таъмини волоияти ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон» аз 14 январи соли 2021 баррасӣ шуд.

Дар рафти муҳокима мушоҳида шудани беташаббусии ташкилотҳои масъул ҳангоми ҷойгир намудан ба низоми автоматиконидашудаи иттилоотии «Huquq ustuvorligi» (huquq.indikator.uz) маълумотҳои омории барои муайянкунии Индекси волоияти ҳуқуқи минтақаҳо зарурӣ боиси мубоҳисаи ҷиддӣ гардид. Масалан, барои ҳеҷ гуна маълумот ворид нанамудаанашон Вазорати энергетика, Хидмати санитарию эпидемиологӣ, Бюрои иҷрои маҷбурӣ, Палатаи савдою саноат, инспексияи «Ӯздавэнергоназорат», Палатаи ҷамъиятӣ, инчунин ҳокимиятҳои вилоятҳои Фарғона, Сирдарё, Ҷиззах, Хоразм, Самарқанд ва шаҳри Тошканд танқид карда шуданд.

Таъкид гардид, ки ин имконо сари вақт ташаккул додани Индекси волоияти ҳуқуқи минтақаҳоро дар давраи гузаштаи ҳисоботӣ бо роҳи муттаҳид намудани маълумоти ба низом воридкардашуда фароҳам намеорад.

Дар ҷамъомад инчунин ахбори вазорату идораҳои масъул шунида шуда, вазифаи дар муҳлати як моҳ ба Шӯрои ҷумҳуриявӣ ворид намудани иттилооти дахлдор дар бораи барҳам додани камбудиҳои роҳдодашуда ва иҷрои вазифаҳои пешбинишуда муайян шуданд.

Хидмати матбуоти Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

ҲАВЗАҲОИ ИНТИХОБОТӢ ОИД БА ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ТАЪСИС ЁФТАНД

Ҷамъомади навбатии Комиссияи марказии интихоботӣ баргузор шуд. Ҷамъомад таҳти раёсати раиси КМИ З.Низомхоҷаев сурат гирифт.

Дар ҷамъомад масъалаҳои таъсиси ҳавзаҳои интихоботӣ оид ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ва аккредитатсияи намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ барои иҷрокоси интихобот баррасӣ шуданд.

Бинобар масъалаи якум муовини раиси Комиссияи марказии интихоботӣ Б. Қўчқоров, ки иштирокдорони ҷамъомадро дар бораи талаботи қонунгузорӣ оид ба таъсиси ҳавзаҳои интихоботӣ оид ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, вазифаҳои онҳо хабардор намуда, инчунин бо рўйхати ҳавзаҳои интихоботии таъсисдодашаванда, ҳудудҳои онҳо, шумораи интихобкунандагон ва маҳалли ҷойгиршавии комиссияҳои интихотии ҳавзавӣ шинос намуд.

Шумораи интихобкунандагон дар доираи ҳар як ҳавза дар асоси маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии раванди интихобот дар рўзи баргузории ҷамъомад муайян карда шуд.

Ҷойи комиссияҳои ҳавзавии интихоботӣ аз ҷониби Шўрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд пешниҳод карда шуданд.

Мувофиқи моддаи 9-уми Кодекси интихоботӣ ҳавзаҳои интихоботӣ оид ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз ҷониби Комиссияи марказии интихоботӣ дар ҳудудҳои Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд таъсис дода мешаванд.

Дар ҷамъомади КМИ дар бораи таъсис додани 14 ҳавзаи интихоботӣ оид ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон дар доираи ҳудудҳои Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд қарор қабул шуд.

Рўйхати ҳавзаҳои интихоботӣ бо нишон додани ҳудуди онҳо, шумораи интихобкунандагон ва маҳалли ҷойгиршавии комиссияҳои ҳавзавии интихобот аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот нашр карда мешавад.

Дар ҷамъомад инчунин масъалаи номнавискунии намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ баррасӣ гардид.

Чӣ хеле ки таъкид гардид, Комиссияи марказии интихот ба масъалаҳои ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори оммавӣ, таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокдорони ҷараёни интихобот, васеъ, таъҷилӣ ва озодона паҳн намудани иттилооти холисона дар давраи маъракаи интихоботӣ эътибори алоҳида муҳим медиҳад.

Мувофиқи моддаи 35-и Кодекси интихоботӣ намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ ҳуқуқ доранд тамоми чораҳои омодагӣ ва гузаронидани интихоботи дарпешистодаро инъикос кунанд, дар рўзи интихобот дар бинои овоздиҳӣ, аз ҷумла ҳангоми шумурдани овозҳо ҳозир шаванд.

Дар баробари ин, ваколатҳои намояндагони ВАО бояд бо ҳуҷҷатҳое, ки Комиссияи марказии интихобот додааст, тасдиқ карда шаванд.

Мувофиқи талаботи қонунгузорӣ Комиссияи марказии интихобот раванди аккредитатсияи намояндагони ВАО-ро оғоз кард. Воситаҳои ахбори оммавӣ аз рўзи эълони маъракаи интихоботӣ ҳақ доранд, ки барои аккредитатсия ба КМИ ариза пешниҳод кунанд. Қабули ариза дах рўз пеш аз интихобот қатъ карда мешавад.

То имрўз як қатор расонаҳо барои аккредитатсияи намояндагони худ ба Комиссияи марказии интихобот ариза додаанд. Дар ҷамъомад дар бораи аккредитатсия ва додани шаҳодатномаҳои дахлдор ба зиёда аз 500 намояндаи ВАО қарор қабул шуд.

Нурулло НАСРИЕВ,
мухбири ЎзА.

Ба пешвози 30-юмин солгарди истиқлолият

ПОЯИ ҲАЁТИ ОЗОД ВА ФАРОВОН

Ба воқеаи ба маънои пурраи сухан бузург – истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки тўли асрҳо орзуву омоли халқ буда, оқибат дар поёни садаи XX вай ба ин орзуи деринааш муваффақ гардид, сӣ сол пур мешавад.

Аслан ин муддат дар ҷараёни таърих чандон тўлонӣ нест, вале он ба ҳаёти мардуми мо таъсири муносиб гузошт. Чунончи, ин солҳо барои мо солҳои дигаргуниҳои фавқулодда бузург, эҳё ва ислоҳотҳо, аз ҳама муҳимаш, солҳои худшиносии халқи ҷафокашамон гардиданд.

Боз як ҷиҳати муҳиме, ки касро мамнун месозад, он аст, ки тўли солҳои истиқлол дар шуури халқи сермиллати Ўзбекистон ва дар дилҳои онҳо ҳам бевосита ва ҳам бавосита ҷаҳонбинии нав ташаккул ёфт. Зиёда аз он мо иштирокдори фаъоли ин ҷараёнҳо шудем.

Тавре ки бидуни заҳмату машаққат ба ягон натиҷа расидан мушкил аст, мустаҳкамсозии истиқлол низ осон набуд. Халқи мард ва пурматонати мо бо вуҷуди душвориҳои мураккаб ва имтиҳонҳои душвор иродаи мустаҳками худро зоҳир кард, дар роҳи истиқлолият содиқ монд. Бахусус тўли панҷ соли охир бинобар самараи ислоҳоти беқиёс ва серҷанба дар Ўзбекистони нав насле ба камол расид, ки фикру андешаи нав дорад, ба талабу тақозои замон ҳамнафасу ҳамқадам мебошад.

Мавриди таъкид аст, ки алҳол таъбири «Ўзбекистони нав» дар тамоми ҷаҳон вирди забон шудааст. Бидуни шубҳа ин эътирофи байналмилалии иқдомҳои куллан нави мо барои пешрафту тараққиёт ва натиҷаҳои шоистаамон дар ин роҳ мебошад. Зеро Ўзбекистони кунунӣ ин Ўзбекистони дирўза нест, халқамон низ мардуми пешина нестанд.

Воқеан, тўли солҳои сипаришуда ба ҳар комёбиву муваффақият ноил шуда бошем, барои ин, пеш аз ҳама, ба нирўву салоҳияти мардум такя кардем, аз сарватҳои табиӣ оқилона истифода бурдем, сўйи мақсадҳои бузург ва рўзҳои дурахшон дилпурона қадам ниҳодем.

Ҳамаи мо гувоҳ ҳастем, ки тўли панҷ соли охир дар идоракунии давлат ва ҷамъият, такмил додани низоми суду ҳуқуқ, мустаҳкам сохтани нирўи мудофиаи мамлакат, гузаштан ба иқтисодиёти воқеан бозаргонӣ, муборизаи беамон ба муқобили тамаъгарӣ ислоҳоти васеъмиқёс амалӣ гардиданд. Барои соҳиби мулки хусусӣ шудану соҳибкорӣ шароит ва имкониятҳои беш аз пеш фароҳам оварда шуданд. Истиқрори макроиқтисодӣ таъмин карда шуд.

Мо имрўз бо ифтихор ва эътимод гуфта метавонем, ҷараёнҳои демократие, ки дар Ўзбекистон татбиқ мегарданд, доимӣ ва мустақиманд, роҳи бозгашт нест.

Пандемияи коронавирус ва инқирози иқтисодӣ, ки инак ду сол боз дар миқёси ҷаҳон ҳукмрон мебошанд, ирода ва сабру матонати халқи моро боз як бор аз имтиҳони ҷиддӣ гузаронидаанд. Ҳамватанони мо дар чунин рўзҳои душвор ҳам нирўву қудрат ва меҳру оқибат, ҳамчунин меҳнатдўстии шоёни таҳсини худро зоҳир карданд, ба нирўи бузурги зидди пандемия табдил ёфтанд.

Бубинед, ки духтараки сӣ сол муқаддам таваллудшуда имрўз соҳиби хонаву дар ва кўдак гардид, писараки дар он гоҳ ба дунёомада сазовори номи падар шуд. Агар ба як сухан ифода намоем, дар кишварамон насли куллан нави даврони истиқлолият ташаккул ёфт. Саволе ба миён меояд, ин насл, пайравони мо чӣ гуна ба воя мерасанд?

Маълум аст, ки дар мамлакати соҳибистиқлоли мо барои пешрафти ҷавонон роҳи васеъ кушода шудааст, эҳтиёҷ ва талаботи онҳо таъмин мегардад, барои ба ҳаёт татбиқ сохтани қобилият ва истеъдодашон, ҷойгоҳи худро пайдо кардани онҳо кумак расонида мешавад, вазифаҳои масъул маҳз ба дўши ҷавонон вогузор мешаванд. Ҷавононе, ки ба эътибори баланди халқу кишвар сазовор мегарданд, бо салоҳиятнокии худ ва садоқаташон ба ғояҳои миллӣ Ўзбекистони азизи моро ба тамоми олам маъруфу машҳур хоҳанд кард.

Боз як воқеияти бузурге, ки дилҳои ҳамаи моро ба ваҷд меоварад, он аст, ки ба шарофати истиқлол дар Ўзбекистони нав ба эҳёи нав – даврони Эҳёи Сеюм замина гузошта мешавад. Бунёдкорони ин иншооти муҳташам, ки дар болои ин пойдевори мустаҳкам сохта хоҳад шуд, мову шумо ва албатта, дар навбати аввал, ҷавонони кунунӣ мебошанд. Ин вазифаи бузурги таърихиро бо сари баланд ва пуршарафона адо намудан қарзу фарзи ҳар кадоми мост.

Комёбиву муваффақиятҳои беназире, ки дар даври сӣ соли истиқлоли бузург ба даст омаданд, шаҳодати миқёс ва вусъати корнамоиҳоямон мебошанд. Аз чумла, дар ҷамъият устувории қонун ва мустақилии судҳо таъмин гардида, мақомоти ваколатдори роҳбарони идораҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҳисоботи онҳо дар назди ҷамоаҳо ба роҳ монда шуд. Барои ҳифзи боэътимоди ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ислоҳоти ҷиддӣ ба амал бароварда шуданд.

Ҳамчунин дигаргуниҳое, ки ба бозсозии мамлакат, беш аз пеш афзудани сифат ва самаранокии низоми идоракунии давлат ва ҷамъият, мубориза алайҳи тамаъгарӣ, пурқувват кардани нақши идораи ҷамоатҳои шаҳрвандӣ ва расонаҳои ахбори оммавӣ нигаронида шудааанд, татбиқ гардиданд. Ғайр аз ин дар пояи тамоюлҳои «Манфиати инсон – аз ҳама бартар», «Халқ ба идораҳои давлатӣ не, балки идораҳои давлатӣ бояд ба халқ хизмат кунад» барои ҳаллу фасли мушкилоти иҷтимоии шаҳрвандон, таъмин сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо ба натиҷаҳои бузург муваффақ гардидем.

Дар ҳоли ҳозир иқтисодиёт озод карда шуд, таъсири маъмурӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт кам гардид, иқтисодиёти рақамӣ ҷорӣ мегардад, ба ҳифзи ҳуқуқи мулки хусусӣ ва пурзўр кардани устувории он эътибори махсус дода мешавад, бозори асъор озод гардид, минтақаҳо аз ҷиҳати иҷтимоиву иқтисодӣ дар маҷмўъ инкишоф меёбанд.

Аз тариқи ба ҳаёт ҷорӣ намудани тамоюли «Халқ сарватманд бошад, давлат ҳам сарватманд ва қудратманд мегардад» аҳолӣ ба соҳибкорӣ васеъ ҷалб карда шуд, шартҳои ба роҳ мондани тиҷорати шахсӣ сабуктар гардида, барои рағбатноксозии соҳибкории оилавӣ, косибӣ ва ҳунармандӣ имкониятҳои нав фароҳам омаданд. Лоиҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла «Деҳаи обод», «Маҳаллаи обод», «Панҷ ташаббуси муҳим», «Як миллион барномарез» ба ҳаёт ҷорӣ гардиданд, барои таъмин сохтани шуғли аҳолӣ, мунтазам зиёд кардани даромадҳои воқеии ў, куллан инкишоф додани соҳаҳои таълиму тарбия, илму фан, маданият, санъат, адабиёт ва варзиш саъю ҳаракат карда мешавад.

Дар ҷамъият бинобар баланд бардоштани мавқеъ ва обрўи занону духтарон, беҳтар намудани фаъолнокии иҷтимоиву сиёсии онҳо низ комёбиҳои бузург ба даст омаданд. Чунончи, барои таъмин сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии бонувон, ҳифзи ҳамаҷонибаи оила, модару кўдак, кўмакрасонӣ барои соҳиби илм ва касбу ҳунарҳои замонавӣ шудани духтарон, аз ҷиҳати молиявӣ ҳамаҷониба дастгирӣ намудани бонувони соҳибкор корҳои васеъмиқёс татбиқ гардиданд.

Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат», ки маҳз ба шарофати истиқлол ба дунё омада, беш аз чоряк аср фаъолияти мунтазам дорад, бинобар дар майдони сиёсӣ татбиқ сохтани ғояҳои халқпарваронаву ҳаётӣ сазовори мақом ва обрў гардид, бобати куллан беҳ сохтани ҳаёти халқ, таъмин намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, устувории қонун ва адолати иҷтимоӣ, беш аз пеш инкишоф додани тараққиёти инноватсионӣ саҳми худро мегузорад.

Ҳизби мо барои ба амал татбиқ сохтани тамоюлҳои барномаи пешазинтихобии худ «Адолат барои ҳар як инсон!», «Муваффақ шудан ба пойдории қонун ва адолат – мизони саъю ҳаракатҳои мо!» фидокорона саъй менамояд. Мо, аъзои ҳизб, фаъолон, депутатҳои тамоми дараҷаҳо, бидуни шубҳа, минбаъд низ барои пешрафти Ватан, дар роҳи истиқболи хуррами он тамоми саъю кўшишҳои худро сафарбар менамоем, бо ниятҳои пок фидокорона меҳнат мекунем.

Зуҳро ИБРАГИМОВА,
муовини раиси Палатаи қонунгузории Олӣ Маҷлис, роҳбари фраксияи ҲХД «Адолат».
(ЎзА).

БАРДОШТ АЗ ҲАМОИШИ «АВАЗА»

Коршиносон ва мутахассисон чорабинии навбатӣ – сеюмин вохўрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказиро дар тафреҳҳоҳи «Аваза»-и Туркманистон чун марҳилаи муҳими ҳамгароии минтақа қаламдод мекунанд. Агар ба домани васеи масъалаҳои баррасигардида ва иродаву хоҳиши пешвоёни ҷумҳуриҳо назар андохта шавад, ин нишонаҳо баръало маълум мегарданд.

Новобаста аз мавқеи ҷуғрофии минтақаҳо ва ҳавзаҳои онҳо дар харитаи кураи Замин мамлакатҳо ва ҳудудҳо барои ҳамкорӣ ва робита маҳкум ҳастанд. Воқиан дар бисёре аз минтақаҳои ҷаҳон иттиҳодҳои иқтисодӣ ва ё сиёсиву дигар эътилофҳо ташкил гаштаанд, ки Иттиҳоди Аврупо аз мисоли равшантарини онҳо ба шумор меравад.

Мувофиқан ба минтақаи мо – Осиёи Марказӣ ин таъбирҳоро – аз давраи даст ёфтани ҷумҳуриҳо ба истиқлолияти сиёсӣ – кор бурдан амри муҳол буд, зеро ки барои ин на хоҳиш ва на иродаи сиёсӣ вуҷуд дошт. Дар натиҷа ҳариб се даҳсола аз даст рафт, ки дар ин муддат бисёр холигиҳо – чи иқтисодиву сиёсӣ ва чи маданиву гуманитариро пур кардан мумкин буд. Дар натиҷаи аз арсаи зиндагӣ ва сиёсат нопадид гардидани ягона режими мамониатгари собиқ ва ба сари қудрат омадани Шавкат Мирзиёев ба тамоми масъалаҳои мавриди назар на танҳо нигоҳи тоза дўхта шуд, балки онҳо ба тарзи тасаввурнопазир ба амал татбиқ гардиданд ва дар пеш ончунон лоиҳаҳое вуҷуд доранд, ки ҳанўз чанд сол пеш хушбинтарин касон барои ба кор гирифта шудани онҳо бовар намекарданд.

Дар бобати ҳамсоягии давлатҳо ва бинобар сўи тафоҳуми онҳо аз давлатмардони бузурги аввали асри XXI Владимир Путин боре гуфта буд: «Бо ҳар гуна мамлакати дур муносибати хуб ба роҳ гузоштан мумкин, аммо бо ҳамсоягон забон ёфтан санъат аст». Санъат дар сиёсат таҳаммул, гузашти ногузир, шикастанафсӣ ва ҷойи муносиби худро шинохтан аст. Вагарна ҳар гуна бузургманишӣ ва иддаову такаббури безамина ғолибан ба роҳи бумбаст мебарад.

Ин ва дигар масъалаҳо – ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи сиёсат ва бехатарӣ, ҳамкории минтақавӣ дар чиҳати иқтисодиёт, сармоя ва энергетика ва ниҳоят равобити маданиву гуманитарӣ дар режими конфронси онлайн зери унвони «Ҳолат ва истиқболи ҳамкории минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ» дар партави анҷоми ҷангзада ҳеч кирои бефарқ гузошта наметавонист. Бо ин далелҳо, ҳар гоҳ, байналхалқии Осиёи Марказӣ (Тошканд) созмон дод.

Директори институт Анвар Носиров иштирокдоронро даъват намуд, ки намояндаи ҳар як ҷумҳурӣ аз бардошт ва натиҷагириҳояш аз ҳамоиши «Аваза» бозгўйӣ кунад, то ки дар маҷмўъ ба як хулосаи умумии умда бирасанд.

Дар бахши аввали анҷуман – равобит бобати бехатарӣ ва сиёсат мавзўи Афғонистон ва вазъи сиёсии он, ки рўз то рўз тағйир меёбад, ногузир дар меҳвари суҳбат қарор гирифт. Азбаски ҳар гуна равобит, хусусан алоқаи иқтисодӣ дар замони мо бе коммуникатсия тасаввурнопазир аст, барои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дастёбӣ ба обҳои кушоди ҷаҳон хеле муҳим аст. Аз ин рў самти Афғонистон чун кишвари тронзит барои баромадан ба бандарҳои Покистон кўтоҳтарин роҳ аст, ғалаёнҳои ҳафтаҳои охири ин кишвари ҷангзада ҳеч кирои бефарқ гузошта наметавонист. Бо ин далелҳо, ҳар гоҳ, ки аз хусуси робитаву ҳамгароии ҷумҳуриҳои минтақа сухан меравад, албатта вазъу мавзўи Афғонистон ба забон гирифта мешавад. Ва ҳатто дар партави ба ҳам пайвастани соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти минтақа ин ҳамсояи ҷанубӣ аз ҳалқаи муҳим ҳам шумурда мешавад.

Бино бар муштаракоти фарҳангӣ ва шабоҳати маишиву суннатӣ барои мардумонамон алоқаҳои маданиву гуманитарӣ ба руҳу қалб наздик менамояд. Ва қадри ин арзишҳо дар чоряк асри каме пеш барои халқҳоямон дучандон маълум гардид. Аз ин боис ба ғайр аз табодулҳои фарҳангиву сайёҳӣ, сафарҳои ҳунарии дастаҳо ва эҷодкорон таъсиси муассисаҳои таълимӣ хеле ногузир ба шумор меравад. Дотсенти филиали тошкандии Донишгоҳи иқтисодиёти Русия Равшан Назаров ба ин нукта таваҷҷўҳ намуда, донишгоҳҳои муштараки славянии Тоҷикистону Русия ва Қирғизистону Русияро ба сифати мисол ба забон гирифт, ки ҳамчунин муассисаҳои таълимии гуманитариро дар ҷумҳуриҳои ҳамдигар боз намудан мумкин аст.

Воқиан дар шинохти хубтари ҷавму миллатҳо беҳтарин роҳ омўзиши таъриху суннату забон ва маданияти ҳамдигар мебошад. Аз ин боис таъсиси ришталҳои таълимии гуманитарӣ усул ва шеваи беҳтару муфидтар барои қаринсозии миллату кишварҳо аст, то ин ки ягон факултаву гурўҳи иқтисоду ҳисобу китобу молия, зеро ин фанҳои дақиқ дар ҳама ҷо бо як методу равиш таълим дода мешаванд ва муҳим нест ин пешаҳоро дар кучо касб менамоянд.

Дар ҳар сурат ҳоло забону дили ҳама роҳбарон як аст ва гузашта аз ин барои боз ҳам муваффақтарашон «Нишони фахрии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ» таъсис дода шудааст, ки бо нахустини он роҳбари Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мушарраф гардонда шуд.

Тоҷибой ИКРОМОВ,
шореҳи сиёсии «Овози тоҷик».

МУЛОҚОТИ СЕ НАСЛ

Ба муносибати сивумин солгарди истиқлолияти Ватани маҳбуб дар ноҳияи Риштон намояндагони се насл бо ҳам мулоқот карданд. Дар он ноиби ҳокими вилоят, мудири шўъбаи вилоятии маҳалла ва пуштибонӣ аз оила Баҳодир Холиқов, мудири қабулхонаи президентии ноҳияи Риштон Соҳибҷон Додобоев ва меҳмонони дигар ширкат карданд.

– Дар мамлакатамон таҳти роҳнамоии Президент Шавкат Мирзиёев ислоҳоти доманфарох пиёда мегардад. Барои сулҳу субот ва фаровонии мардуми кишвар, арҷгузорӣ ба калонсолон, инчунин барои ба воя расидани ҷавонони бошараф тамоми шароити мусоид фароҳам оварда мешавад, – гуфт зимни сухани муқаддимавӣ ҳокими ноҳия Субҳончон Солиев.

Вай афзуд, ки ҷавонон бояд сисолагии истиқлолияти кишварро бо меҳнати зарбдор ва тўҳфаҳои арзанда истиқбол гиранд. Гузашта аз ин, меросбарони ҳақиқии аждод шаванд, барои тараққиёт ва пешрафти мамлакати паҳноварамон саҳми худро гузоранд. Ин вазифаи муқаддаси онҳост.

– Мо дар муддати сӣ сол ба муваффақиятҳои бузург ноил шудем. Ин раванд бо суръат идома дорад. Зиндагии озоду обод дорад мардуми мо. Ба дастовардҳои мо ҷомеаи ҷаҳонӣ бо ҳавас назар мекунад. Ба қадри чунин Ватан расидан ва барои пешрафти он меҳнат кардан шараф мебошад, – гуфт шоир Баҳодур Исо.

Дар мулоқот ҷавонон аз он ибрози хушҳолӣ намуданд, ки Президенти мамлакат бароянон шароити мусоид фароҳам овардааст, то ки онҳо таҳсил кунанд ва машғули кору зиндагии орому осуда шаванд.

Дар ҷараёни мулоқоти се насли ноҳия як гурўҳ журналистону блогнависони маҳаллӣ низ иштирок намуданд.

Аброр ДЕҲҚОНОВ,
котиби матбуоти ҳокимияти ноҳияи Риштони вилояти Фарғона.

ХАБАРҲО

Таҳсил дар ду шакл

То оғози соли таҳсили нави 2021-2022 дар дабистонҳои таълими умумӣ рўзҳои башумор боқӣ мондаанд. Вале паҳн шудани инфексияи коронавирус ҳанўз давом дорад. Сохтори онлайн (масофавӣ) ҷорӣ мегардад ё таълими анъанавӣ?

Вазорати таълими халқи ҷумҳурӣ маълум намуд дар мактабҳо таълим бо шакли «гибрид» оғоз меёбад, яъне ба вазъият нигоҳ карда, бо баэътиборгирии таклифи марказҳои назорати санитарӣ-эпидемиологӣ ва қарорҳои шўроҳои маҳаллӣ баъзе мактабҳо ба муддати муайян пўшида ва сохтори масофавӣ ба роҳ гузошта мешавад.

Бо мақсади дар хона ба таълими масофавӣ фаро гирифтани толибилмон ва фароҳам овардани имкониятҳои ҳарҷониба барои онҳо тавассути шабакаҳои телерадиоширкати миллӣ дарсҳо дар доираи лоиҳаи «Онлайн мактаб» ба роҳ монда мешаванд.

Дар навбати худ вазорат барои пурра барқароршавии таълими анъанавӣ аз ходимони сохтор зудтар ваксина гирифтанашонро хоҳиш намуд.

Ваксинаи олмонӣ оварда мешавад

Минбаъд дар Ўзбекистон ваксинаи англисӣ-шведии Astra Zeneca низ мавриди истифода қарор хоҳад гирифт. Дар ин бора «Podrobno.uz» маълумот додааст.

Тавре дар хабар қайд карда мешавад, ваксинаи зикршуда алайҳи коронавирус аз Олмон оварда мешавад. Дар Берлин ҷонишини намояндаи расмии ҳукумати ҶФО Улкире Деммер дар ин хусус сухан рондааст.

Бармеояд, аз Олмон ба Ўзбекистон ваксинае, ки 355200 доза дорад, интиқол мегардад.

Кўмаки гуманитарӣ аз ИМА

Бунёди Global Jewish Assistance and Relief Network ва Конгресси ҷаҳонии яҳудиёни бухороӣ ба Ўзбекистон кўмаки гуманитарӣ расонданро назди худ мақсад гузошт.

Аввалин партияи бори гуманитарӣ, ки 330 ҳазор доллари ИМА арзиш доранд, ба аэропорти Тошканд фуроварда шуд. Борҳо асосан воситаҳои тиббии ҳимоя аз коронавирус мебошанд.

Он борҳо рўзҳои наздик ба муассисаҳои тиббии Ўзбекистон фиристода мешаванд.

М.ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

НАЗАРЕ БА ШЕЪРИ ПАЙМОН

Паймон ҳамчун суханвари маъруф ва тавонои Ӯзбекистон, ки ба забони форсӣ-тоҷикӣ эҷод мекунад, аз ҷониби муҳаққиқону мунаққидон ва суханварони замонааш эътироф гардидааст ва бешубҳа, ба шиносномаи расмӣ эҳтиёҷ надорад. Чунонки аз ашъораш пайдост, ӯ дар эҷоди бисёр навъҳои шеър устод аст. Шоир аксаран дар пояи анъанаҳои суннатӣ эҷод мекунад. То имрӯз чор маҷмӯаи ашъораш таҳти унвонҳои «Санги навишта» (1991), «Шабовез» (2000), «Шабоҳанг (2012) ва «Даҳ пурсишу даҳ посух» (2019) чоп шудаанд. Ин ҷо мо китоби «Шабоҳанг»-и шоирро мавриди пажӯҳиш қарор додем.

“Шабоҳанг” аз панҷ қисмат иборат аст: “Шаршараи шеър”, “Обҷаҳи ғазал”, “Мавҷҳо” (рубоиёт) ва “Чаҳордара” (дубайтиҳо).

Доираи мавзӯи ашъори ӯ доманадор буда, умдатарин масоили ҳаёти инсонро бо равиши хос дар силки таҳрир кашидааст. Хусусияти муҳими ашъори Паймон дар ибрози нозук ва нигориши рангин, фишурдагиву муҷазии афкор, алфози маонии дақиқ ва маҳорати волои истеъмоли воситаҳои тасвир ва саноеи бадеӣ ҳувайдо мегардад.

Паймон услуби дигари назаррасе дорад, ки ба шакли шеърияти ӯ вобаста буда, дар шоирони дигар камтар ба назар мерасад, ин нигориши матлаъи шеър, яъне ба ҳусни матлаъ таваҷҷуҳи хоса доштани шоир аст:

Қадамгаҳи хаёлҳои ман, Ватан!
Қаламраҳи мақолҳои ман, Ватан!

(“Ватан”)

Ҳар он чи гуфта шуд,
ба шунуфтан намесазад,
Ҳар он чи шунуфтанд,
ба гуфтан намесазад.
(саҳ. 50)

Шеърҳои маҷмӯаи “Шабоҳанг” аз меҳри гарми гӯяндаи онҳо ба зиндагӣ ва инсон, аз нигоҳи расои ӯ ба рӯйдодҳои рӯзгор баҳравар буда, ҳам эҳсосу афкори хонандаро меангезад ва ҳам симои шоирро муайян менамояд. Қадрдонии ҳар лаҳзаи зиндагӣ, эътиқоду эътимод ба инсон, бузургдошти ишқ, посдории некиву некон ва эҳтироми хислатҳои нақиби инсон асоси ахлоқии ҳамаи шеърҳои ин маҷмӯаро ташкил медиҳад. Ва дилбастагӣ ба хушиҳои ҳаёт, таассуф аз нокомиҳои хешу дигарон дар ин ашъор чунон самимӣ ифода шудааанд, ки кас наметавонад бо қаҳрамони лирикии шоир ҳамдарду ҳамаслак нагардад:

Хештанро то кунун ҷое
Ҳеч гаҳ шоир нагуфтам ман.
Чунки дурри маънӣ, иншое
Созгори он насуфтам ман.

(“Шоири халқ”)

Ишқ тақрибан дар ҳамаи шеърҳои Паймон, бавижа, дар дубайтиҳояш нерӯи таҳрики эҳсосу андеша аст.

“Ман”-и шоир маънии ҳаёташро бидуни ишқ тасаввур карда наметавонад, чунки бунёди шеър аксар аз ишқ оғоз меёбад, зеро ишқ мологоли шеърият аст. Гузориши ишқ аз нигоҳи шоирон гуногун аст, вале на ҳама шоирон метавонанд ишқро бо он камоли ҳусну ҷамолаш ҷилва диҳанд, бигзор он ишқи шеър бошад, ё ишқи Ватан, ишқи маҳбуба бошад, ё ишқи Худованд, нахуст бояд бо хусусиятҳои хосаю муҳтабар, бо нафосаташ дар ниҳонгоҳи хонанда маскан гирифта тавонад ва ҷаҳонбинии ӯро густариш диҳад. Паймон дар ашъори ошиқонаи худ ба он ҳусни нигориши шоирони варзида муваффақ гаштааст:

Агар ҷаҳон бубандадам дари
карам,
Агар замон бикӯбадам ба мушти
ғам.
Агар фалак бубинадам ба чашми
кам,
Туям зи лутф бениёзӣ, ишқи ман,
Маро фақат ту менавозӣ,
ишқи ман.

ва дар интиҳо:

Агар шикаст дар гулӯи ман нафас,
Агар бишуд хаёлҳои ман абас,
Агар гузашт фурсати ману ҳавас,
Кашам инон дубора то ту,
ишқи ман,
Ки зиндаам ҳамора бо ту,
ишқи ман.

(“Агар”)

Ин шеър аз ибтидо то поён дар як маром, бо як ҳаяҷони шӯрангезу пуризтироб суруда шудааст, ки бешубҳа, боиси таҳсину офарини шоир аз ҷониби хонанда мегардад ва агар ин шеърро яке аз шеърҳои назарраси ин маҷмӯа номем, муболиға нахоҳад шуд.

Дар ишқ манбаи илҳоми шоир ниҳон аст, ишқ ҳидоятгари ӯст дар роҳи худогоҳиву дилафрӯзӣ ва ин маънӣ дар аксари ашъори ошиқонаи шоир хеле образнок ифода гардидааст:

Дар даҳр, ки дори ишқ бошад,
Корам ҳама кори ишқ бошад.
Аз ёри ҷаҳон дилам гирифтаст,
Ёрам ҳама ёри ишқ бошад.
Ишқ аст ҳам он чи киштаам, низ
Борам ҳама бори ишқ бошад.
Ҷоме, ки мудом дорадам маст,
Саҳбои нигори ишқ бошад.
Сарсабзиву сабзбории ман
Аз юмни баҳори ишқ бошад.
(саҳ. 52)

Ибораороии шоир низ аз маҳорати баланди ӯ дарак медиҳад. Чунончи:

ЗавраҚи умед, авранги сангин, ҳусни анҷом, рахши армон, аспи ҳиммат, сипоҳи дай, шоҳини далер, ҷаҳони фандпайванд, шохи вафо, тирамоҳи пирӣ, савор аст марги ман, ҳабиби саркаш, бо мижа хок рӯфтан, шомро ба субҳ кашидан, хуми айём, аз кӯҳи Ватан ғурур омӯхтан, подаи ғам, санги ғам ва ғайраҳо.

Мавзӯи модар аз мавзӯъҳои абадию ҷовидонии адабиёт аст. Аксар шоирон маҳорату истеъдоди хешро дар тасвири модар имтиҳон намудаанд, аз ин рӯ, дар ин боб асари тоза офаридан ва сазовори баҳои хуби хонанда шудан корест сангин.

Гарон афтад маро ҳар меҳрубонӣ,
к-ояд аз ёрон,
Кучӣ? Меҳрубониҳои арзони ту
меҳоҳам.
Ҳавои боди атромези қасри
дигаронам нест,
Ҳавову боди гардолуди айвони
ту меҳоҳам.

ва поёнтар:

Ҳама ҷоизаи давру мукофоти
замонамро,
Ба авфи як гуноҳам аз ту қурбони
ту меҳоҳам.
(саҳ. 76)

Байтҳои фавқ, ки мо овардем, шаҳодати онанд, ки кӯшишҳои ӯ дар ситоиши модар бе натиҷа намондаанд ва байти “Ҳавои боди атромези қасри дигаронам нест, Ҳавову боди гардолуди айвони ту меҳоҳам” ва «меҳрубониҳои арзони ту меҳоҳам» – гуфтани шоир ҳарфи навест дар ситоиши модар.

Ба назари мо дар ин садаи навин қадре дақиқтар роҷеъ ба Паймон (оид ба ашъораш) изҳори назар нашудааст, то ки мақоми ӯро дар миёни шоирони форсигӯи кишвари Ӯзбекистон дар арсаи шеъру шоирӣ муайян намояд, бино бар ин ногузир бо он нукта мерасем, ки имрӯз ба қадри имкон мақоми ӯро дар дунёи шоирони на фақат форсигӯи кишвар, балки берун аз ин марз муайян намоем.

Паймон дар шеърҳояш кӯшиш менамояд, ки симои инсони ҳақиқӣ, инсони соҳибистеъдодро биофарад. Истеъдод фақат насиби санъатварон нест, он танҳо дар шеъру ҳунар таҷассум намегардад, балки зебо ошиқ будан, зебо сӯхтан, зебо зистан ва зебо аз дунё гузаштан ҳам истеъдод аст.

Бештарин шеърҳои “Шабоҳанг” гувоҳ бар он ҳастанд, ки Паймон шоирест эҳсоси иҷтимоияш пурқувват ва дар шеърҳояш оҳангҳои иҷтимоӣ бо ҳиссиёти шахсии ӯ омехта, самимӣ ва пуртаъсир садо медиҳанд. Ашёи бархе шеърҳоро таассуроти шахсӣ, ҳиссиёти озмудаи шоир тартиб додааанд. Дар шеърҳое, ки бунёди онҳо бар таассурот аст, қобилияти таъсирангезӣ пурзӯртар мебошад ва бешубҳа, шоир бо ин таъсирангезӣ тавассути нишон додани умдатарин хусусият ва ҷузъиёти мушахҳаси мавзӯъ ба комёбӣ муваффақ шудааст, ки ин аллакай шаҳодати истеъдоду маҳорати шоирии ӯст.

(Давомаш дар саҳ.4). ⇨

Дар таҷрибаи давлатдории мо масъалаҳои бонувон, оила ва бача аз масъалаҳои аввалдараҷа буда, хусусан, баҳри ҳимояи манфиатҳои занону духтарон аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ базаи мустаҳками қонунгузорие офарида шудааст, ки ба стандарт ва талаботи байналхалқӣ хос мебошад. Дар се-чаҳор соли охир, дар шароити ислоҳоти нави демократӣ баробари базаи ҳуқуқӣ базаи институтсионалӣ низ ташаккул ёфт. Дар ин самт қонунҳое қабул гардиданд, ки ба стандартҳои байналмилалӣ ҳамоҳанганд. «Дар бораи кафолатҳои ҳуқуқ ва имкониятҳои барои мардон ва занон баробар», «Дар бораи ҳифзи бонувон аз тазйиқ ва зӯроварӣ» барин қонунҳо ба ин мисоли равшан шуда метавонанд. Дар ин ҳуҷҷатҳо аз рӯйи такмили сохтори ноил шудан ба баробарии гендерӣ як қатор чораҳои амалӣ муайян карда шудаанд.

ДИЁРИ БОНУВОНАШ ФАЪОЛ – ОЯНДАДОР

Дар вазъияте, ки Ӯзбекистони нав ба зинаҳои баланди тараққиёт қадамҳои қатъӣ мегузорад, эътибор ба масъалаҳои занону духтарон ва тарбияи авлоди ҷавон ба даврои нав ворид гашт. Баробари он ки муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ баҳри пешбурди мамлакат ва шукуфоии он шиддат меёбанд, бонувони мо нафақат дар оила, ҳамчунин дар корҳои давлатию ҷамъиятӣ, пойдорсозии асосҳои иқтисодии кишвар ҳарҷониба худро нишон медиҳанд.

Фармони Президент «Дар бораи чораҳои дастгирии занону духтарон ва куллан такмил додани фаъолияти институти оила» ва дар доираи он қабул шудани як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим, айни замон, зуҳуроти тоза дар таҳкими базаҳои ҳуқуқӣ дар соҳа буда, дар онҳо нисбати ҳуқуқи бонувон дар соҳаҳои меҳнат ва пенсия, таъмини баробарии гендер ва масъалаҳои дигари ба манфиатҳои ҷинсӣ латиф ҳамоҳанг кафолатҳои тамоман нав муайян карда шудааанд.

Масъалаҳои долузарби ташкил кардани бизнеси бонувон, кӯмак ба онҳо дар пешбурди ғояҳои тиҷоратӣ, дастгирии ҳарҷонибаи занҳое, ки муддатҳои тӯлонӣ ба тарбияи кӯдак банд шуда, аз нигоҳи иқтисодӣ ночоранд, ташкили касбомӯзӣ ва ба шуғл фаро гирифтани онҳо батадриҷ ҳаллу фасл мегардаанд. Занону духтарон, ки ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ, ҳам аз нигоҳи иҷтимоӣ пуштбон доранд, ҳарҷиҳата фаъол гашта, дар ҷамъият мавқеи худро мустаҳкам менамоянд. Миқдори бонувоне, ки ба соҳибкорӣ ҷалб шудаанд, торафт меафзояд. Ду сол қабл шумораи фермерзанҳоямон 8105 нафарро ташкил карда бошад, бинобар офарида шудани шароитҳои қулай дар соҳа ва пуштбонӣ ёфтани бонувон ин рақам дар рӯзҳои мо болотар меравад. Дар ташкили корҳои боғдорӣ, токпарварӣ, пахтакорӣ, сабзавотпарварӣ ва парвариши чорво фермерзанҳоямон чун боғбон, деҳқон, чӯпонҳои соҳибтаҷриба худро нишон дода, ба комёбиҳо ноил мегардаанд.

Масъалаи дастгирии бонувон ба дарачаи сиёсати давлатӣ бардошта шуда, онҳо мавриди ғамхориҳои доимианд. Дар дарачаи парлумонӣ мавриди муҳокима қарор гирифтани масъалаҳои бонувон ва оила, айни замон, воқеаҳои муҳиманд. Дар Сенат кумитаи алоҳида, дар Палатаи қонунгузорӣ бошад, фаъолияти комиссияи алоҳида ба роҳ гузошта шудааст. Дар масъалаи баробарии гендер бошад, комиссияи ҷумҳуриявӣ фаъолияти худро ба роҳ гузоштаст. Занону духтарони мо дар симои Вазорати маҳалла ва дастгири оила, ки солҳои охир ташкил ёфт, низ пуштбони худро мебинанд.

Таҳаммул, андеша, ҳаё ва ибо аз фазилатҳои азалии халқи мо, хусусан, занҳои боимони мост. Айни замон ба бонувонамон ҷасорат ва мардонагӣ хос буда, онҳо дар рӯзҳои мо аз тариқи минбарҳои баланди ҳокимият ва идоракунии давлатӣ сухан ронда, мақсад ва муддаои худро баён карда метавонанд. Аъҷон наздик 25 фоизи аъзои Сенат, 32 фоизи депутатҳои Палатаи қонунгузориро занону духтарон ташкил менамоянд. Ин аз фаъолиятҳои ҷинсӣ латиф, тағйирёбии стериотипҳои мавҷуда дарак медиҳад. Навъе дар боло ишора карда гузаштем, дар мамлакатамон ҷиҳати идоракунии корҳои давлатию ҷамъиятӣ, ҷараёнҳои интихоботӣ, дар соҳаҳои нигоҳдории тандурустӣ, таълим, илму фан, маданият, меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ва соҳаҳои дигари ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ баробар иштироккунии мардҳо ва занон бо асосҳои ҳуқуқӣ кафолатнок гардонда шудааст.

Дар ташкил ва пешбурди корҳои маънавию маърифатӣ ва илмӣ низ нақши бонувон торафт эҳсосшаванда мегардад. Беҳуда намегӯянд, модар – аввалин устод, зан – тарбиятгари миллат. Фаъолзанҳои ҷамъияти мо, аз ҷумла, заноне, ки ба илм машғуланд, муносиб рағбатонида мешаванд. Муҳаққиқзанонро иттиҳодияҳои ҷамоатӣ низ ҳамеша такягоҳ. Аз ҷумла, дар сарҷамъсозӣ ва ҳимояи манфиатҳои олимзанҳо ва ҷӯяндагони илм аз зумраи занону духтарони Иттиҳодияи «Олима», Маркази бонувони ихтироъкори Ӯзбекистон, Иттиҳодияи «Бонувони соҳаи аграрӣ» ва амсоли онҳо нақши муҳим мебозанд.

Барои боз ҳам ривоҷ бахшидани фаъолияти соҳибкорӣ миёни бонувон, хусусан, рағбатноксозии пажӯҳишгарон бо иштироки занону духтарони иқтидорнок ва илмдӯст ҷонноксозии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамоатӣ аҳамияти махсус касб менамояд. Дар ин самт ҷорӣ гардидани сохтори ҷудосозии вомҳо низ падидаи муҳим. Зани илмнок ва оқила такягоҳ ва чароғбони оила, айни замон чун иштирокгари фаъоли идоракунии корҳои ҳокимияти давлатӣ пешбар ва пуштбони ҷамъият ҳисоб меёбад.

Давраи басо мураккаберо аз сар мегузаронем. Таҳонишавӣ, тараққиёти шиддатнок ба рӯйи арзишҳои маънавию миллиамон соя меафканад. Баробари ҷиҳатҳои хуб тарафҳои зиёди интернет, ки ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти мо қарор гирифтааст, ба касе сир нест. Аз он сӯиистифода карда, шахсони сиёҳфикр ва маънавиёташон хароб маводи ношоистаро тарғиб менамоянд. Гоҳо бинобар норасоиҳои иқтисодӣ, гоҳо аз сабаби муҳити носолим, нигоҳи бемасъулиятонаи баъзе арӯсу домодҳо ба оила, ҳал карда шудани тақдири ҷавонон аз ҷониби волидони каммаърифат, дур аз падару модар бавоярасии фарзандҳо оилаҳо вайрон, муҳити хонадон носолим мегардад, ки ин бисёр ташвишангез. Яке аз сабабҳои асосии ин ҳолати номатлуб – сустии корҳои маънавию маърифатӣ, ручӯъ ба боигарию сарват ва бемеҳр шуда рафтани аъзои хонадон, дастболоии моддиёт аз болои маънавиёт.

Дигар аз масъалаҳои долузарб, омодасозии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ. Баробари мардҳо, балки бештар аз онҳо бояд бонувон фикр кунанд сари ин масъала. Чӣ гуна роҳи ҳалкунанда бозидани онҳо дар муҳити оила – рӯз барин равшан. Дар муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ низ ададашон аз мардҳо зиёд. Чи дар муҳити оила ва чи ҳамаи даврaҳои таълимӣ занҳои хушманд бояд фикри солими худро гузаронанд. Ба ҷавонон чӣ қадар муқаддас будани оиларо фаҳмонанд. Саъй созанд фарзандҳо ба дарачае ба камол расанд, ки умре ба тақдири оила ва оянда масъул будани худро ҳис кунанд, ба фардо аз ҳоло тайёр шаванд.

Баробари таъмини мустаҳкамии оила дар таҳкими заминаҳои тараққиёти барқарор, тавре ки таъкид гашт, нақши бонувони зиндагисоз беқиёс.

Зан – депутат, зан – сенатор, зан – яке аз пешвоҳои аҳзоби сиёсӣ – иштирокдори фаъоли идоракунии давлатӣ. Дар маъракаи муҳими сиёсӣ – интихоботи президентии пешистода қатори чаҳор номзади дигар аз ҷониби Ҳизби халқӣ-демократии Ӯзбекистон ба президентии мамлакат тавсия ва тасдиқшавии номзадии зани фаъол Мақсуда Борисова низ ифодаи боварӣ ба зан. Иродаи сиёсии худро ифодакунон зан корҳоеро, ки мард қодир аст, ӯҳда карданаш мумкин.

Умуман, занҳои хушманд, закӣ, ташкилотчиву ӯҳдабаро, пок ва соҳибимон дар иҷрои ҳар кор худро намуна нишон дода метавонанд. Дар диёре, ки бонувонаш ҳарчиҳата намунавианд, авлоди ватанпарвар, фидоиву садоқатманд ба воя мерасад. Ва ин гуна диёр, албатта, оянда дорад.

М.ШОДИЕВ.

“ЁР АҲЛ – КОР САҲЛ”

Орзугулро ҳамчун фаъоли Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони шаҳри Чирчиқ хуб мешиносем. Ӯ бонуи суҳбаторо, ба атрофиён чун дӯсти дерина зуд унс мегирад.

Орзугул Абдураҳмонова дар баробари он ки директори мактаби миёнаи рақами 25-уми шаҳри Чирчиқ аст, бори раисии Маркази миллӣ-мадании тоҷикони шаҳри Чирчиқ “Суғдиён”-ро аз соли 2005 инҷониб бар дӯш дорад. Дар мактабе, ки апаи Орзугул роҳбарӣ мекунад, корҳои таълиму тарбия, азхудкунӣ, иштироки фаъоли хонандагон дар озмунҳои шаҳриву вилоятиву ҷумҳурӣ, ободониву кабудизоркунӣ хеле хуб ба роҳ монда шудааст.

Апаи Орзугул ба сифати раиси марказ дар тӯли фаъолияти худ ба барқарор ва мустаҳкамсозии дӯстиву бародарӣ, ҳамҷиҳатӣ, кушодадилии байни миллат ва халқиятҳо, рушди анъанаву расму оин, ҳунару санъати миллӣ ва таомҳои миллӣ саҳми бузург мегузорад. Ӯ дар атрофи худ шахсони ташаббускор ва ҷонсӯзи миллатро ҷамъ намуда, дар ҳар як ҷашнвора, чорабиниҳои идона ва суҳбати мизи мудаввари тоҷикони натанҳо шаҳри Чирчиқ, балки миқёси вилоят фаъол иштирок менамояд. Бо ташаббуси ӯ гурӯҳи фолклории “Суғдиён” ташкил гардид. Вақте дар чорабиниҳои идона гурӯҳҳои раққосадухтарони “Суғдиён”, ки зери суруду оҳанги тоҷикӣ бо либоси миллии тоҷикона дар саҳна мерақсанд, дил аз шодӣ лаб-рез мегардад, ҳар як миллатпарвар фахр мекунад.

Ансамбли мазкур дар озмунҳои миқёси шаҳр, вилоят ва ҷумҳурӣ таҳти шиори “Ӯзбекистон – хонаи умумии мо”, “Неруи мо — дар ягонагӣ ва ҳамҷиҳатӣ”, “Ватан ягона аст – Ватан яктост” баргузор мегарданд, фаъол иштирок карда, ҷойҳои муносибро ишғол намудааст. Аз ҷумла, соли 2019 дар фестивали байналхалқии бахшӣ дар Тирмиз, фестивали байналхалқии ҳунарманд дар шаҳри Қӯқанд бо баромадҳои худ иштирок намуданд. Баробари ин, ҳамчун идомадиҳандаи анъанаҳои дӯстиву бародарӣ дар чорабиниҳои миллатҳои дигар низ иштирок мекунанд.

Бо саъю ҳаракати Орзугул ҳар сол бахшида ба зодрӯзи Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Заҳириддин Бобур ва дигар бузургони илму адаб бо иштироки шоиру нависандагон шабнишиниҳои адабӣ баргузор мегарданд. Баҳри рушди маънавияти ахлоқии ҷавонон низ доимо дар ҳаракат аст. Барои онҳо маҳфилҳои “Китобдӯсти ҷавон”, “Ҷавонони дирӯз, имрӯз ва фардо”, “Ҷавонон – оянда мо” ташкил мекунад. Ӯ ба сифати депутат мушкилоти маҳаллаашро омӯхта, ба оилаҳои камтаъмин, серфарзанд, маъюб ва танҳо ғамхор аст, ба онҳо маслиҳатҳо медиҳад, кӯмаки моддӣ мерасонад. Ҳар сол дар арафаи иди модарон ва ҷашни Наврӯз чорабиниҳои бошукӯҳро бо ҳамдастии ҳаммаҳалла, намояндагони дигар миллатҳо, хонандагони мактаб, донишҷӯён ва шоиру адибони тоҷик ботантана мегузаронад.

Заҳматҳои муаллимаро ҳукумати кишвар ба назар гирифта, соли 2018 бо нишонҳои сарисинагии “Аълочии таълими халқ”, 25 солагии Истиқлолият ва ба қарибӣ бахшида ба рӯзи “Дӯстии халқҳо” бо медали “Шуҳрат” сарфароз гардонд.

Орзугул Абдураҳмонова, баробари фаъоли ҷомеа будан, модари меҳрубон ва момои ғамхори наберaҳо мебошад.

– Муаллима, бо ин ҳама серкорӣ оё ба кору бори рӯзгор вақт меёбед?– пурсидем аз ӯ.

– “Ёр аҳл бошад – кор саҳл” гуфтаанд бузургони мо. Дӯстон, бародарон, ҳамкорон маро дастгирӣ мекунанд. Шавҳарам аҳли фаҳм, ин кори ман, ин кори ту намегӯяд, – бо табассум ҷавоб медиҳад муаллима.

Саодат БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори
“Овози тоҷик”.

Дар диспансери кардиологияи вилояти Самарқанд соли гузашта дар пояи барномаи сармоягузорӣ 12 миллиард сӯмина корҳои сохтмону таҷдид ба амал бароварда шуданд. Дар ин ҷо 6 шуъбаи нави кардиореаниматсия, кардиохирургия, аритмология, патологияи артериалӣ боз гардиданд.

Поликлиникаи серсоҳа, маркази табобати статсионарии дорои 220 ҷой ва тамоми қулаиҳо ташкил карда шуданд. Барои ин ба марказ соли 2020-ум ва дар давоми соли ҷорӣ ба маблағи 20 миллиард сӯмина асбобу воситаҳои замонавии тиббӣ оварда шуданд, ҷарроҳиҳои мураккаби вобаста ба касалиҳои хуну раг амалӣ карда мешаванд. Ин корҳоро 15 нафар мутахассисони ҷавон бо сарварии Мақсуд Саидов, ки дар хориҷа кор кардаву таҷриба омӯхтаанд, амалӣ менамоянд.

Дар сурат: *дар диспансери кардиологияи вилояти Самарқанд соли гузашта 12 миллиард сӯмина корҳои сохтмону таҷдид ба амал бароварда шуданд.*

Суратгир: А. ИСРОИЛОВ (ЎзА).

Ба пешвози 30-юмин солгарди истиқлолият

МЕҲРИ ВАТАН

Ӯзбекистони азизи мо кишвари бузургест, ки саропо меҳрофарину дилнишин ва бузургу дилфиреб аст. Бар замми ин кишвари офтобӣ бо табиати нотакрораш вирди забонҳост. Саховатмандии мардуми онро оламиён тан гирифта, мероси ғановатманд ва бебаҳои гузаштагонашро эътироф менамоянд, ки боиси ифтихори мост.

Ватан – зодгоҳ, вожаи зебо ва хуҷастаест, ки бо шуниданаш хонаву дар, гаҳвора ва модар пеши назар меояд. Бале, Ватан сарнавишту қисмати ҳар як инсон, модари мушфиқу меҳрбон аст. Агар модари аслӣ моро ба дунё оварда бошад, Ватан ба сарамон дасти навозишкорона гузошта, барои идомаи зиндагии рангин оғӯш кушодааст. Лоиқ Шералӣ мефармояд:

Ватан сар мешавад аз
гоҳвора,
Зи шири поку аз пистони модар,
Ватан сар мешавад аз он тавора,
Ки онро сохта дастони модар.
Ватан беҳбудиву беҳрӯзии мост,
Ватан хушномию фирӯзии мост.

Дар олам чанд муқаддасоти бемисл ва нотакрор мавҷуданд, ки Модару Ватан аз он ҷумла аст. Ҳисси ватандӯстдорӣ ба дарачаест, ки хокашро аз тахти Сулаймону хорашро аз лолаву райҳон хуштар медонанд:

Хоки Ватан аз тахти Сулаймон
хуштар,
Хори Ватан аз лолаву райҳон
хуштар.

Бармеояд, ки Ватан ифтихор, шаъну шараф, ноёбтарин неъмат, сарвати бебаҳост, онро ба ҳеч ганҷе наметавон иваз намуд. Оромиву шукӯҳ ва шукуфоии Ватан аз масъулиятшиносии ҳар як сокини он вобаста аст. Агар Ватан орому осуда бошад, нозу неъмат фаровон мегардад, муҳаббати байни мардум меафзояд. Дар он ҷое, ки пояҳои маънавиёту маърифат устувор нестанд, акси ин ҳол ҳаст.

Муҳаббат ба Ватан, тавре ки зикр шуд, аз даврaи кӯдакӣ зоҳир шуда, минбаъд ташаккул меёбад. Муҳиммтар аз ҳама кӯдакон бояд аз хурдсолӣ ба мафҳумҳои сулҳ, дӯстӣ, озодӣ, ягонагӣ сарфаҳм раванд. Ин кор пеш аз ҳама маҳсули тарбияи оила, ҷомеа ва мактаб аст. Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва инсонгарӣ дар ҳамаи замонҳо аз масъалаҳои муҳими ҷамъият шумурда мешавад. Аз ин рӯ, бояд ибтидо аз кӯдакистонҳо бачагонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, садоқат ба Ватан ва ғояҳои олии муқаддасоти кишвар парвариш намоем. Тарбияи ватандӯстии хонандагон вобаста ба синну соли онҳо гуногун мешавад. Ба он устодон – муаллим ва муаллимаҳо, мураббиён, роҳбарони синфҳо дар ҷараёни дарс ва берун аз дарс бо назардошти нақшаи таълимӣ ва тарбиявии худ бояд кор баранд.

Ҳиссиёти ватандӯстӣ ин садоқат ба Ватан, саъю кӯшиши ба нафъи вай хидмат кардан мебошад. Васфи Ватан дар ашъори шоирон мавқеи хосса дорад. Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безаволи худ, ки саршори ғояи ватандӯстӣ ва адолатхоҳӣ аст, ҳифзи Ватанро аз баҳои ҷон болотар гузоштааст:

Ҳама сар ба сар тан ба куштан
диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба
душман диҳем.

Дар ашъори Ҳабиб Юсуфӣ низ тасвиру тавсифи Ватан ба таври мушахҳас ва образнок тасвир ёфтааст. Ватан барои ӯ хонаи умед ва бахшандаи бахту саодат, модари азизу меҳрубон аст:

Ватанро бинозам,
маро дар канор,
Чу модар гирифту намуд
бахтиёр...

Мурод аз офаридани образи ватандӯстона дар адабиёти ҳамаи халқҳову миллатҳои ҷаҳон, ин бешубҳа, бедор кардани ҳисси ифтихори миллӣ ва муҳаббат ба марзу буми аҷдодист.

Вале вазифаи мо танҳо ифтихор аз бузургони гузаштаи худ нест, балки аз зоҳир кардани корнамоӣ ва фидокориҳои нав ба нав иборат мебошад, зеро шукуфоии Ватан аз масъулиятшиносӣ ва некандешии мо вобаста аст.

Заррина РАҲМАТОВА,
омӯзгори мактаби рақами
79-уми ноҳияи Сариосиёи
вилояти Сурхондарё.

Файзхоҷа МАҲМУД

Замзамаҳои истиқлолият

Дар лаби мо саломи Истиқлол,
Дар дили мо мароми Истиқлол,
Шаш ҷиҳат аз каронаи Миҳан
Менюшем гоми Истиқлол,
Дар лаби мо саломи Истиқлол,
Дар дили мо мақоми Истиқлол!

Покдин, покрою покойин,
Покзодему мардуми бодин,
Бодаи маърифат ҳаменӯшем,
Бо ҳаловат зи Ҷоми Истиқлол!
Дар лаби мо саломи Истиқлол,
Дар дили мо мақоми Истиқлол!

Гар биҳиште ба паҳнаи дунёст,
Он биҳишти Ватан барои мост,
Худшиносӣ – Ватаншиносӣ аст,
Зимни тафсири номи Истиқлол!
Дар лаби мо саломи Истиқлол,
Дар дили мо мақоми Истиқлол!

Рахши ачдод мепарафшонем,
Соликони раҳи дурахшонем!
Парчами дӯстӣ ба каф дорем,
Бо муроду маромии Истиқлол!,
Дар лаби мо саломи Истиқлол,
Дар дили мо мақоми Истиқлол!

Ҷашни Истиқлоли мо хуш омадаст!

Ҷашни Истиқлоли мо хуш омадаст!
Бахти мо, иқболи мо хуш омадаст!
Ормон, омоли мо хуш омадаст!
Ҳоли некӯфоли мо хуш омадаст!

Мизбон аст ӯ, на меҳмон омадаст,
Дилкушоду чеҳрахандон омадаст,
Накди хайру ҷӯду эҳсон омадаст,
Посдори аҳду паймон омадаст,

Хушхиромаш бод доим файзбор,
Хушпаёмаш дилнавозу ғамгусор,
Ӯ, ки аз батни Ҳазора зодааст,
Рӯзгораш бод беш аз сад ҳазор!

Хок дар дасташ Илоҳо, зар шавад!
Осмонаш софу некахтар шавад!
Ҳиммати мардона бодо ёри мо!
Нури Истиқлоламон раҳбар шавад!

Мулке надидам пурғуҳар, чун хоки тоҷикони мо

Эй тобиши тобони ту метобад аз чашмони мо,
В-эй қалби гармат бурда дай, оварда тобистони мо.

То боғу то бӯстони ту дилгарм тобистон шудем,
То решаат бор оварад, хун рехт аз мижгони мо.

То Мулк ободон шавад, саҳни Ватан бӯстон шавад,
Пояндаву созанда шуд, Имони мо, Вичдони мо.

Эй дар тараб танбӯри мо, ною навои ҷӯри мо,
Эй сури мо, эй зӯри мо, эй беҳтарин дармони мо!

Бисёр дидам баҳру бар, бисёр гаштам шебу фар,
Мулке надидам пурғуҳар, чун хоки тоҷикони мо.

Хокат пур аз ганҷинаҳо, обат давои синаҳо,
Рӯзу шабат одинаҳо, эй файзи дастархони мо.

Эй Файзхоҷа дам мазан, андар санои ин Ватан
Мову санои ӯ куҷо, аҳсони ӯ, нуқсони мо, ҳазёни мо.

Амсоли Истиқлоли мо, зарбулмасал ҳар кас надид

Эй аз ҳузури гарми ту морост ваҷду ҳолҳо,
Бишкуфта дар дил саҳнаҳо гулҳои истиқлолҳо.
Бӯстони моро нурҳо, бунёни моро сурҳо,
Шарёни моро шӯрҳо, тайрони моро болҳо!
Ворастагӣ, ҳамбастагӣ, озодвора зиндагӣ,
Дар дил мунаққаш гашта чун волотарин тимсолҳо!
То боли Истиқлоли мо, бикшуд парру боли мо,
Бас обҳо аз сар гузашт, бас моҳҳову солҳо…
Тай шуд басе роҳи дароз, тай шуд басе шебу фароз,
То шуд муҳаввал қалб боз, то аҳсани аҳволҳо!
Бояст ҳимматёр шуд, дар кору дар пайкор шуд,
Лаб баст аз ақволҳо, пайваст бо афъолҳо!
Амсоли Истиқлоли мо, зарбулмасал ҳар кас надид,
Чашмони дил бояст шуст, то дид ин амсолҳо!
Тахрихи мозӣ муттако, бояст бошад баҳри мо,
Ҳар субҳ то созад тулӯъ, Хуршеди истиқболҳо!
Эй Файзхоҷа, кам хурӯш, дар кор бегуфтор ҷӯш,
Дил то нахуспад дар бадан, аз аллаи ақволҳо.

Сӣ сол намеомад аз мушкилии Виза

Хандидаву рақсида як куртачакан омад,
В-аз тарфи хироми ӯ ҳулбӯи Ватан омад.
Сӣ сол намеомад аз мушкилии Виза.
Бе Виза ба тайрон шуд, аз кӯҳу даман омад.
Бар Чоч чу ӯ хандид, ҳар пистадаҳан шармид,
Сад пистадаҳан ғалтид, як пистадаҳан омад.
Болош чу мавзун буд, писханд ба гардун буд,
Сад дуздаки дил андар як мижжа задан омад.
Ӯ тавқи ҳавояшро бар Одаму Ҳавво баст…
Бе банд дили мо баст, бе банду расан омад.
Корида хиром омад, борида ғулом омад
Озоду сабук омад, чун барги суман омад.
Ҳафтоду ду ман кам буд вазни дилу ҷони мо,
Аз файзи хироми ӯ ҳафтоду се ман омад.
Меҳмони ман аст имшаб он пистаи хандонлаб,
Набвад дигарам матлаб, маъдан зи Адан омад.
На аз Адану Каньон, н-аз Тӯру на аз Эрон ,
Ҷону ҷигари Хатлон, сад рашки Хутан омад.

Қабули сайёри ҳокими вилоят

Дар коллеҷи саноати нафт ва гази шаҳри Бухоро қабули сайёри ҳокими вилояти Бухоро Ботир Зарипов ба амал омад. Дар ҷараёни қабул инчунин, роҳбарони секторҳо, ҷонишинони ҳоким, сарварон, мутасаддиёни ташкилоту корхонаҳо, ҳокимони дахлдори шаҳру ноҳияҳо иштирок карданд.

Ба тадбир аз ҳамаи шаҳру ноҳияҳо корафтодагон омаданд. Дар давоми ду рӯз 512 мурочиати шаҳрвандон аз қабили масъалаҳои хонаю ҷой, таъмири роҳ, бошӯғлфарогирӣ, таъминоти об, газ, барқ, ёрии моддӣ, нафақа, хидматрасонии тиббӣ, мактабу маориф, соҳибкорӣ ва ғайра ба қайд гирифта шуда, чораю тадбирҳои ҳал намудани онҳо баррасӣ гардид. Бо мутасаддиёни соҳа бевосита рӯ ба рӯ гардидани мурочиатқунандагон корро осон кард. Гуфтан ҷоиз аст, ки 327 нафари ба навбат истодагонро шахсан худи ҳокими вилоят қабул кард. 52 мурочиат фавран ҳал шуд. Ба 67 нафар маслиҳати ҳуқуқӣ дода шуд. Барои ҳалли дигар масъалаҳо вақт лозим аст. Муҳимаш дар он, ки ба ҳар як мурочиат дар чорчӯбаи қонун муносибат зоҳир гардид.

А. АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

(Аввалаш дар саҳ.3).

Майли шоир ба шаклҳои хурди шеърӣ, яъне ба дубайтӣ ва махсусан ба рубоӣ ҳувайдост. Дар маҷмӯа миқдори дубайтиҳо ба 375 ва рубоӣ ба 513 мерасад ва ин танҳо мушоҳидаи афзоиши миқдорӣ набуда, балки пеш аз ҳама як навъ ба ихчамбаёнӣ ва дарку ифодаи фалсафӣ бештар майл пайдо кардани Паймонро нишон медиҳад. Аз ҷумла, Паймон ба ин шакли шеърӣ - яъне дубайтӣ меҳри беандозае доштани худро чунин баён намудааст:

Дубайтӣ нӯши ҷони хастаи мост,
Беҳин рози зи дил ворастаи мост.
Яке з-он байти сури кӯтаҳи мо,
Дигар байти ғами пайвастаи мост.
(саҳ. 174)

Гузашта аз ин, ба фикру андешаи мо дубайтиҳои Паймон аз ҷиҳати истифодаи санъатҳои бадеӣ, бавижа, тарсеъ, тазод, ирсолу масал, талмеҳ, ҳусни матлаъ, ташбеҳ, истиора ва таносуби сухан, ки асоси ҳамаи санъатҳои бадеистанд ва инчунин истифодаи вазн (баҳри Музореъи макфуфи маҳзуф, баҳри Рамали машкӯл, қофия, радиф ва бархе дигар талаботи назм аз шоирони муосири форсигӯй ва чанде дигар тафовути назаррас доранд.

Дар маҷмӯа дубайтии дигаре омадааст, ки хеле барҷаста ва салис менамояд:

НАЗАРЕ БА ШЕЪРИ ПАЙМОН

Напиндорӣ, ки ноогоҳ моем,
Ғалатафтидагони роҳ моем.
Ба рағми ғофилу хешу худоён,
Худогоҳу худоогоҳ моем.
(саҳ. 194)

Ва боз:

Ҷаҳон андар ҷаҳони хеш дарёб,
Замон андар замони хеш дарёб.
Забондонӣ ҷаҳондонист, лошак
Вале аввал забони хеш дарёб.
(саҳ. 215)

Ин андешаи шоир барҷою саҳеҳ, хитоби ӯ бо ононест, ки нисбати забони модарӣ ниҳоят бефарқанд.

Дар охири маҷмӯа барои кӯдакон маснавии “Даҳ пурсишу даҳ посух” ҷой дорад. Ин маснавӣ, бешубҳа, барои хонандагони хурдсол туҳфаи бебаҳоест.

Инак, хонандагони иззатманд мову шумо имкон доштем, аз маҷмӯаи шоир, ки “Шабоҳанг” ном дорад, як ҷаҳон баҳра бигирем ва аз ин рӯ месазад ба яке аз ситораҳои дурахшони осмони назми форсигӯи кишвари Ӯзбекистон – Паймон ташаккур изҳор намоем.

Дар охир чун моро расм шудааст, мехоҳем ба овардани як ғазали зебое аз ашъори шоир, ба таъбири Хоҷа Ҳофизи бузург “Бошад, ки боз бинем didори ошноро” ба ин навиштаи хеш нуқта гузорем:

Бар man дареғ бод равам дил наёфта,
Дил ёфта, вале дили ҳамдил наёфта.
Аз ин ниёзгоҳи дилу розгоҳи ҷон,
Мардеву ёри қодиру қобил наёфта.
Монад ҳама гусаставу дар сафҳаҳо пареш,
Ашъори man муқоваи комил наёфта.
Ҳақҷӯву ҳақталаб чи фузун ёфта, вале
Аз дори даҳр довари одил наёфта.
Ҳамсанги худ ба бедилӣ бедил надида ҳеҷ,
Дархурди хеш дилбари хушгил наёфта.
Дар хайли душманони аёну ниҳони хеш,
Ҳамтои худ рақиби муқобил наёфта.
Паймон, дареғ, агар гузарам аз ҷаҳон пасон
Тухми умед киштаву ҳосил наёфта.

Абдуқайюм ҲАСАНЗОД.

Дар 11 поликлиникаи оилавии деҳот, 2 бунгоҳи тиббии деҳот, 1 поликлиникаи марказии бисёрсоҳаи ноҳияи Қизилтеппаи вилояти Навоӣ 247 нафар шифокор ва беш аз 2 ҳазор нафар ходимони миёнаи тиббӣ ба аҳолӣ хидмати намунавӣ мерасонанд.

Ҳоли ҳозир иттиҳодияи тиббии ноҳия бо таҷҳизоти навтарини тиббӣ таъмин шудааст, як қатор ҷарроҳии мураккаб дар ҳамин ҷо аз ҷониби шифокорони соҳибтаҷриба гузаронида мешаванд.

Дар сурат: *дар ноҳияи Қизилтеппа ходимони тиббӣ ба аҳолӣ хидмати намунавӣ мерасонанд.*

Суратгир: С. АСЛОНОВ (ЎзА).

Тамаъгарӣ иллат

ТАМАЪГАРӢ – БАДНАФСӢ, ОҚИБАТАШ ШАРМАНДАГӢ

Тамаъгарӣ, ки бо номҳои ришвагирӣ, порахӯрӣ, ҳаромхӯрӣ, баднафсӣ, ҳақимардумхӯрӣ, коррупсия доман густурдааст, ҳоло ҷомеаи ҷаҳонро сахт ба ташвиш овардааст. Зеро дар ҳар ҷое, ки ин иллат ҳаст, дар он ҷо на ҳақиқат ҳасту на адолат. Вай маризиест, ки сафедро сиёҳ, сиёҳро сафед, ҳалолро ҳарому ҳаромро ҳалол, ҷоҳилро доною оқилро ҷоҳил, гуноҳкорро бегуноҳу бегуноҳро гуноҳкор, соҳибиқтидорро белаёқату кӯрсаводро соҳибилм медонад. Аз ин рӯ дар олам бадтар аз ин душмани пешрафту тараққиёт нест.

Аҷиб он аст, ки мардуми оддӣ ба нимта нони ҳалоли ёфтаи худ қаноатманданду давлатманду аҳли амал баръакс… Шояд тоифаеро норасоии иқтисодӣ, ё ки камии маош ба ин маризӣ гирифтор карда бошад, вале ба коррупсия муттаҳам гашта, на фақат аз вазифа сабукдӯш, балки ҳабс шудани баъзе роҳбарони давлатҳои хориҷӣ чӣ маънӣ дорад?! Саъдии бузург дуруст гуфтааст: «Чашми танги марди дунёдорро ё қаноат пур кунад ё хоки гӯр!»

МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТАМАЪГАРӢ – ТАЛАБИ ЗАМОН

Солҳои охир баҳри пешгирӣ намудани ин иллати кӯҳнаи ҷомеа дар сатҳи давлатӣ чораю тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 29 июни соли 2020 «Дар бораи чораҳои иловагии такмили сохтори мубориза алайҳи коррупсия дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон», созмон ёфтани Агентии мубориза бо коррупсия, лоиҳаи Фармони Президенти мамлакат «Дар бораи чораҳои фароҳам овардани муҳити оштинопазир бо коррупсия, куллан коҳиш додани коррупсия дар идоракунии давлатӣ ва густариш додани иштироки мардум дар он» ва қарор «Дар бораи чораҳои иловагӣ бобати ба роҳ мондани фаъолияти самарабахш бар зидди коррупсия» аз ҷумлаи онҳост. Ин чорабиниҳо, бешубҳа, баҳри коҳиш додани коррупсия дар рӯзгори мо нақши муҳим мебозанд. Боиси хурсандист, ки алъон адолат дар соҳаи қабули донишҷӯён ба мактабҳои олӣ бештар қарор меёбад. Яъне алҳол мебинем, ки ба ҷавонони соҳибиқтидор ва дорои илму дониш бахти донишҷӯӣ бештар насиб мекунад. То ба наздикӣ буданд оилаҳое, ки пулро ягона мушкилкушои ҳамаи «чигилҳо» мешумурданд, тайёр буданд ба шахси фарзандашонро ба мактаби олӣ ҷойгиркарда калиди автомобили нав ё манзили истиқоматиро дар пойтахти мамлакат инъом кунанд.Вале ҳаёти кунунӣ, ҷараёнҳои умедбахши ислоҳот аҳкидаи онҳоро ба зиндагӣ дигар мекунад. Баъди умедвориҳои чандинсола эшон ниҳоят фаҳмиданд, ки замон тағйир меёбад ва роҳи ягонаи бамақсадрасӣ ин амиқ омӯхтани илм аст. Ҳамин тариқа, дар Ӯзбекистони нав шуури одамон низ тадриҷан тағйир ёфта, мардум ба оянда бо чашми умед менигаранд.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Ба пешвози 30-юмин солгарди истиқлолияти давлатӣ

ЧОРАБИНИҲОИ МАЪНАВӢ ВА МАЪРИФАТӢ БА ҶАШНВОРАИ ДӮСТӢ ТАБДИЛ МЕЁБАНД

Имрӯзҳо дар саросари кишварамон барои сазовор пешвоз гирифтани 30-юмин солгарди истиқлолияти мамлакатамон омодагии калон дида, чорабиниҳои маданӣ-маърифатӣ, намоиши маҳсулоти ҳунармандии миллӣ, баромадҳои ҷамоаҳои фолклорӣ баргузор мегардад.

Дар ноҳияи Намангони вилояти Намангон ҷамъ 53 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо мавҷуд буда, Шамсикӯл ягона маҳаллаест, ки қисми асосии аҳолиашро тоҷикон ташкил менамоянд. Дар маҳалла намояндагони миллатҳои дигар, аз ҷумла ӯзбекҳо, русҳо, тоторҳо, қирғизҳо ва қазоқҳо низ ҳамчун фарзандони як оила аҳлу тифоқ зиндагӣ мекунанд.

Дар маҳалла 545 хонадон мавҷуд, ҷамъ 3167 нафар аҳолӣ истиқомат мекунад.

Бошандагони маҳалла асосан бо деҳқонӣ, чорвопарварӣ, ҳунармандӣ ва соҳибкорӣ шуғл варзида, фарзандонро бо нони ҳалол бонӣ мекунанд.

Мувофиқи Барномаи давлатии «Обод қишлоқ» ҳудуди маҳалла, аз ҷумла мактаби таълими ҳамагонии рақами 10, муассисаи таълими томактабии рақами 19-ум пурра аз таъмир бароварда шуд. Кӯчаи марказии маҳалла асфалтпӯш гардида, ба ҷои сутунҳои чӯбин, симчӯбҳои нави симинтӣ, ба ҷойи трансформатори кӯҳна трансформатори нав гузошта шуд. Хатти нави барқ кашида ва таъминоти аҳолӣ бо барқ беҳтар гардид.

Чанде пеш дар маҳаллаи номбурда ба истиқболи 30-юмин солгарди истиқлолияти мамлакатамон ҷашнвораи дӯстӣ таҳти шиори «Вахдати миллӣ – пуштбони Ӯзбекистони нав» баргузор гардид.

Дар чорабинӣ аз ҳамаи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо намояндагони миллатҳои гуногун намоиши маҳсулоти гуногуни ҳунармандӣ ва таомҳои миллиашонро ба маъраз гузоштанд.

Маҳсулоти дастии ҳунармандӣ аз маҳаллаи Шамсикӯл Адҳам Каримов, дӯзанда Маърифат Усмонова, зардӯз Дилором Абдуҳамидоваҳо ба иштирокчиён писанд омад. Барномаи консертӣ бо иштироки ҷамоаи фолклорӣ таҳти сарвории Буваҳоҷар Аҳророва ба ҷамъомадагон писанд омад.

А. МУРОДОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАМАНГОН.

Бори каҷ ба манзил нарасид

Агентии мубориза бар зидди коррупсия дар ҳамкорӣ бо ходимони Хадамоти амнияти давлатӣ ва Департаменти мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодӣ як амалиёти фаврӣ анҷом додааст. Дар ин бора хидмати матбуоти ин агентӣ хабар дод.

Бино ба ин манбаъ роҳбари идораи кадастри давлатии вилояти Андиҷон дар ноҳияи Олтинкӯл М. А бо сӯйистифода аз мансаб аз сокини ин ноҳия У.А 6 ҳазор доллари амрикой пешпардохт гирифтааст ва ваъда додааст, ки 1 гектар замини захираи ҳокимиятро ба вай расмӣ карда медиҳад. Аммо ин фард ҳангоми гирифтани ин миқдор пул ба даст афтодааст.

Ба гуфтаи сухангӯи агентӣ М. А умуман дар ивази 50 ҳазор доллари амрикой ин корро барои анҷом додан ваъда додааст.

– Бори каҷ ба манзил нарасид. Дар айни ҳол нисбати М. А аз рӯи моддаҳои 168 ва 211-и Кодекси ҷиноӣ парвандаи ҷиноӣ боз гардидааст ва тафтиш идома дорад, – мегӯяд сухангӯи Агентӣ.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири “Овози тоҷик”.
Вилояти АНДИҶОН.

Ҳайати таҳрири «Овози тоҷик» нисбати вафоти нобаҳангоми додари мухбири ҷамоатии рӯзнома, узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Тӯхтамиш Боқиев (Пайғом)

Баҳодур БОҚИЕВ

ба аҳли байт ва наздикони марҳум таъзия баён менамояд.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-825. Адади нашр 5748, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспортии бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.